آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

8 июли соли 2026
Чоршанбе
№ 54 (15273)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИРО БО ШИРКАТИ АМРИКОИИ «BLACKROCK» МУАЙЯН НАМУД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7 июл узви шӯрои директорон ва директори калони идоракунандаи ширкати «BlackRock» Адебайо Огунлесиро қабул кард.***



Дар мулоқот масъалаҳои муҳими таҳкими минбаъдаи шарикии стратегӣ, пеш аз ҳама дар бахши сӯзишворӣ ва энергетика баррасӣ шуданд. Пешрафти лоиҳаҳои амалкунандаи ширкат дар Ӯзбекистон бо қаноатмандӣ қайд гардид.

Сарвари давлати мо самтҳои афзалиятноки ҳамкориро бо «BlackRock» муайян намуд. Аз ҷумла, густариши ҳамкорӣ дар соҳаи хусусигардонӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишвар, рушди бозори молиявӣ, пешбурди лоиҳаҳо дар бахши нафту кимиё, инчунин сармоягузории муштарак ба технологияҳои зеҳни сунъӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

«BlackRock» як ширкати бузурги сармоягузории амрикоӣ мебошад, ки ба идоракунии дороиҳо ва фондҳои сармоягузорӣ, инчунин пешниҳоди хидматрасониҳои молиявӣ ихтисос дорад. Ҳаҷми дороиҳои таҳти идоракунии ширкат дар соли 2026 ба 14 триллион доллари ИМА расидааст.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО САФАРИ РАСМӢ БА ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ТАШРИФ МЕОРАД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко 8–9 июл бо сафари расмӣ аз ин кишвар боздид мекунад.***

Тибқи барномаи сафар, дар шаҳри Минск музокироти сатҳи олӣ баргузор хоҳад шуд.

Дар ҷараёни музокирот масъалаҳои густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи Ӯзбекистону Беларус баррасӣ хоҳанд гардид.

Масъалаҳои афзоиши гардиши мутақобилаи мол, амиқтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, мошинсозӣ, дорусозӣ, саноати сабук, хӯроквориӣ ва дигар бахшҳои саноат дар маркази таваҷҷуҳ қарор хоҳанд дошт.

Ҳамчунин ба тавсеаи барномаҳои табодули фарҳангӣ ва гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Аз рӯ натиҷаҳои нишаст қабули бастаи назарраси ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар самтҳои афзалиятнок ба нақша гирифта шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар арафаи ин сафар дар шаҳри Минск Форуми сеюми байниминтақавӣ бо иштироки ҳайатҳои минтақаҳо ва доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар баргузор мегардад.

**ӮзА.**

# МУРОҶИАТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ФОРУМИ ЯКУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Меҳмонони гиромӣ!

Шуморо ба муносибати ифтитоҳи Форуми байналмилалии тамаддуни исломӣ, ки бори аввал дар сарзамини қадима ва меҳмоннавози Ӯзбекистон баргузор мегардад, самимона табрик мегӯям.

Боиси рамзист, ки ин форуми воқеан таърихӣ бо иштироки олимони барҷаста, намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, намояндагони фарҳангу мазҳабҳои гуногун, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз зиёда аз чиҳил кишвари ҷаҳон дар Маркази тамаддуни исломӣ дар Ӯзбекистон баргузор мешавад. Ин чорабинии бузурги байналмилалӣ гувоҳи афзоиши таваҷҷуҳ ва эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тамаддуни исломӣ ва мероси ғании маънавӣ, илмӣ ва фарҳангии он мебошад.

Имрӯз ҷаҳон давраи дигаргуниҳои амиқ ва босуръатро аз сар мегузаронад. Башарият ба дастовардҳои бесобиқа дар соҳаҳои илм ва технология ноил гардида, ҳамзамон бо мушкилоту таҳдидҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст: низоъҳо ва нобовариии мутақобил шиддат мегиранд, ғояҳои вайронгар, таҳаммулнопазирӣ, ифротгароӣ ва зуҳуроти исломситезӣ густариш меёбанд. Ҳамчунин, кӯшишҳо барои ба ҳам муқобил гузоштани фарҳанг, дин ва тамаддунҳо, урфу одат ва анъанаҳои халқҳои гуногун бештар мешаванд.

Дар чунин шароити мураккаб арзишҳои воло, аз ҷумла арзишҳои исломӣ, ки аз қадим ҳамчун пояи устувори зиндагии осоишта, рушди тадриҷии башарият ва талоши он ба сулҳу ризоият ва маърифат хидмат карданд, аҳаммияти махсус касб менамоянд. Маълум аст, ки ин арзиҳшо дар тӯли асрҳо ҳамчун манбаи пуриқтидори пешрафти илм, эҳёи фарҳанг ва такомули маънавӣ ба рушди тафаккури ҷаҳонӣ саҳми бебаҳо гузошта, ба қисми ҷудонашавандаи мероси умумибашарӣ табдил ёфтаанд.

Ғояи консептуалии «Маърифат бар зидди ҷаҳолат», ки Ӯзбекистон соли 2017 аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд, ҳақиқати одӣ ва тағйирнопазирро тасдиқ мекунад: дар ин давраи ноором ва муташанниҷ танҳо илм, маърифат, тарбия, фарҳанг ва арзишҳои баланди ахлоқӣ метавонанд пояи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоияти ҷомеа ва рушди устувор дар рӯи Замин бошанд.

Дини муқаддаси мо – ислом, шаъну шарафи инсонро воло медорад, ӯро ба ҷустуҷӯи ҳақиқат, талош барои дониш ва маърифат, кашфиёти илмӣ, меҳнати созанда ва рушди маориф, санъат ва фарҳанг илҳом мебахшад.

Дар ин мероси нодир, ки дороии муштараки башарият аст, минтақаи мо низ саҳми арзанда дорад. Ин сарзамини паҳновар ҳамчун яке аз бузургтарин марказҳои илм, маърифат ва маънавият дар ҷаҳон эътироф шудааст. Дар тӯли асрҳо дар ин замини муқаддас риёзиёт, ситорашиносӣ, геодезия, тиб, кимиё, таърих, фалсафа, калом, илми ҳадис ва бисёр илмҳои дигар дар сатҳи баланд рушд ёфта буданд. Дар ганҷинаи тафаккури ҷаҳонӣ мероси гаронбаҳои ҳамватанони бузурги мо – Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Мирзо Улуғбек, Алишери Навоӣ, Бобур Мирзо, Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ ва Бурҳониддин Марғинонӣ ҷойгоҳи шоиста дорад.

Дастовардҳои азими илмӣ ва фарҳангии таърихи кишвари мо, ки дар давраҳои Эҳёи бузург – Ренессанси якум ва дуюм ба даст омадаанд, то имрӯз инсониятро ба комёбиҳои нав илҳом мебахшанд. Имрӯз Ӯзбекистони Нав дар якҷоягӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ бо итминон барои бунёди пояҳои Ренессанси сеюм қадам мегузорад.

Мо ин давраи нави Эҳёро марҳилаи нави рушд медонем, ки бар пояи илм, навоварӣ, маорифи муосир, рушди маънавию зеҳнии ҷомеа, эҳтироми амиқ ба мероси ғании таърихии худ ва татбиқи иқтидори созандаи ҳар як инсон бунёд шудааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ТОШКАНД — МИЗБОНИ НАХУСТИН ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

***7 июл дар ҳаёти ҷаҳони ислом рӯйдоди муҳими таърихӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар шаҳри Тошканд нахустин Форуми байналмилалии тамаддуни исломӣ таҳти унвони «Тамаддуни исломӣ: роҳи сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва маърифат» оғоз гардид. Ин ҳамоиши бонуфуз, ки то 11 июл идома меёбад, бозгӯи таваҷҷуҳи пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба эҳё, ҳифз, омӯзиш ва тарғиби мероси ғании тамаддуни исломӣ мебошад.***



Дар маросими ифтитоҳи форум муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба иштирокчиёни форум аз ҷониби мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Хайриддин Султонов қироат гардид. Дар муроҷиат таъкид гардид, ки ҳифз ва эҳёи мероси тамаддуни исломӣ, дастгирии таҳқиқоти бунёдӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии башардӯстона аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ӯзбекистон ба шумор мераванд.

Дар муроҷиат ҳамчунин зарурати таҳкими муколамаи байни фарҳангҳо ва тамаддунҳо, ҳифзи мероси мутафаккирони бузург барои наслҳои оянда ва муаррифии моҳияти ҳақиқии инсондӯстонаи дини ислом ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун вазифаҳои муҳими рушди Ӯзбекистони Нав таъкид гардид.

Форуми байналмилалии тамаддуни исломӣ яке аз бузургтарин майдонҳои муколамаи илмӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ мешавад. Ҳадафи он бознигарии мероси илмии тамаддуни исломӣ, мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг мебошад.

Дар кори форум садҳо олимону муҳаққиқон, пешвоёни дин, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагони ҳукуматҳои кишварҳои гуногун иштирок доранд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# БАРРАСИИ ТАДБИРҲО ОИД БА ҶОРӢ НАМУДАНИ ПЛАТФОРМАИ ЯГОНАИ РАҚАМӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Президент Шавкат Мирзиёев бо рӯнамоии вобаста ба ҷорӣ намудани платформаи ягонаи ҳамгирошудаи рақамии идоракунии давлатӣ, рушди экосистемаи стартапҳо ва беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи телекоммуникатсия шинос шуд.***

Дар солҳои охир дар кишвари мо ҷиҳати густариши хидматрасониҳои давлатии рақамӣ, ҷорӣ намудани низомҳои муосири иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ корҳои васеъмиқёс анҷом дода шуданд.

Дар натиҷаи ин, Ӯзбекистон дар раддабандии Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди ҳукумати электронӣ 24 зина боло рафт. То соли 2030 ҳадаф гузошта шудааст, ки кишвар ба қатори 30 давлати пешсафи ҷаҳон дар ин самт дохил гардад.

Интизор меравад, ки соли ҷорӣ шумораи хидматрасониҳои давлатии рақамӣ ба 860 адад ва теъдоди истифодабарандагони онҳо ба 15,5 миллион нафар расад. Барои муқоиса, соли 2024 барои 4 миллион истифодабаранда 525 хидматрасонии давлатӣ дастрас буд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки пойгоҳҳои маълумот ва низомҳои иттилоотӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ дар қисмати идораҳои алоҳида ба таври пароканда ташаккул меёбанд ва дар равандҳои таҳлили маълумот ва қабули қарорҳо усули ягона вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, пешниҳод шуд, ки платформаи ягонаи ҳамгирошудаи рақамии идоракунии давлатӣ ба таври марҳилавӣ ҷорӣ карда шавад. Бо истифода аз ин низом дар як платформа маълумот оид ба иқтисодиёти минтақаҳо, сармоягузорӣ, муҳити зист, масъалаҳои амният, мушкилоти аҳолӣ, сатҳи некӯаҳволии маҳаллаҳо, инчунин маълумоти геофазоӣ, иттилоот дар бораи объектҳо ва қабатҳои харитавӣ муттаҳид карда мешаванд.

Платформа бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки маълумот таҳлил шуда, мушкилот дар минтақаҳо пешакӣ муайян карда шаванд, иҷрои қарорҳои қабулшуда назорат гардад, захираҳо самаранок тақсим шуда, сифати идоракунии давлатӣ баланд бардошта шавад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки ин низоми рақамии идоракунӣ бояд имсол дар пойтахт ҷорӣ гардида, аз соли оянда дар тамоми минтақаҳои кишвар татбиқ карда шавад.

Дар ҷараёни рӯнамоӣ инчунин масъалаи роҳандозии низоми ягонаи миллии таснифоти мол ва хидматрасониҳо баррасӣ гардид. Айни ҳол мақомоти гумрук, андоз, омор ва дигар идораҳо таснифоти гуногуни молҳоро истифода мебаранд. Ин ҳолат боиси афзоиши хароҷоти соҳибкорон, паст шудани дақиқии ҳисобот ва мушкил гардидани мубодилаи маълумот байни идораҳо мегардад.

Ҷорӣ намудани низоми ягонаи миллии таснифот имкон медиҳад, ки расмиёти зиёдатии бюрократӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ коҳиш ёфта, мубодилаи маълумот байни мақомоти давлатӣ содда ва дақиқии ҳисоботи оморӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамчунин, ташаббус оид ба таъсиси низоми миллии навигатсионӣ муаррифӣ гардид. Қайд карда шуд, ки айни ҳол дар кишвар асосан аз платформаҳои навигатсионии хориҷӣ истифода мешавад. Низоми миллии навигатсионӣ имкон медиҳад, ки маълумоти географӣ дар асоси стандарти ягона ташаккул ёбад ва фаъолияти нақлиёт, логистика, хадамоти фаврӣ, шаҳрсозӣ ва хидматрасониҳои давлатӣ боз ҳам самаранoктар ташкил карда шавад.

Дар рафти рӯнамоӣ, инчунин нақшаҳои рушди содироти хидматрасониҳои IT ва экосистемаи стартапҳо баррасӣ шуданд. То соли 2030 пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми содироти хидматрасониҳои IT ба 5 миллиард доллар расонида, 5 ҳазор стартапи фаъол таъсис дода ва 2 миллиард доллар сармоя ҷалб карда шавад.

Таъкид гардид, ки дар раддабандии байналмилалии «StartupBlink» Ӯзбекистон 31 зина боло рафта, ҳамчун стартап-экосистемаи дар ҷаҳон босуръат рушдкунандатарин эътироф шудааст. Шаҳри Тошканд дар байни шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, шаҳрҳои Самарқанд ва Фарғона бори аввал ба феҳристи ҳазор шаҳри пешсафи стартапи ҷаҳон дохил шуданд.

Барои рушди минбаъдаи соҳа ба роҳ мондани барномаи «Talent Hub» пешбинӣ шудааст, ки ба мутахассисон ва сармоягузорони хориҷӣ имконият медиҳад корхонаро ба таври фосилавӣ ба қайд гирифта, суратҳисоби бонкӣ кушоянд ва корти байналмилалии бонкӣ расмӣ гардонанд. Ҳамчунин пешниҳод шуд, ки имтиёзҳои андоз барои кормандони ширкатҳои резиденти IT Park то соли 2040 тамдид гардида, барномаҳои «IT Visa» ва «Zero Risk» васеъ карда шаванд.

Инчунин механизмҳои дастгирии корхонаҳои содиркунандаи хидматрасониҳои IT, аз ҷумла қисман ҷуброн намудани хароҷоти музди меҳнат, хароҷоти вобаста ба кӯчонидани фармоишгарон ва мутахассисони хориҷӣ, инчунин ҷуброни хароҷоти гирифтани сертификатҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ТОШКАНД – МИЗБОНИ НАХУСТИН ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин чорабинӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи корҳои дин, Марказҳои байналмилалии тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Мотуридӣ ва Имом Тирмизӣ, Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, Академияи байналмилалии исломии Ӯзбекистон ва ICESCO ташкил шудааст. Ба гуфтаи ташкилкунандагон, форум оғози марҳилаи нави сиёсати Ӯзбекистон дар самти ҳифзи мероси фарҳангӣ ва тавсеаи муколамаи башардӯстонаи байналмилалӣ мебошад.

Дар ҳамоиш шахсиятҳои маъруфи ҷаҳони ислом ва роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла директори генералии ICESCO доктор Салим ал-Молик, котиби генералии Лигаи ҷаҳонии мусулмонон Муҳаммад ал-Исо, шоҳзодаи Урдун Ҳасан бин Талол, муфтии мусулмонони Федератсияи Русия Равил Ғайнутдин, котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ Кубаничбек Омуралиев, котиби генералии TURKSOY Султон Раев, директори генералии IRSICA Маҳмуд Эрол Қилич, раиси Идораи мусулмонони Қафқоз Аллоҳшукур Пошозода, инчунин Муфтии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шайх Саидмукаррам Абдуқодирзода ва дигар меҳмонони воломақом иштирок доранд.

Мудири шуъбаи корҳои дин ва маорифи Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Музаффар Комилов форумро натиҷаи амалии ислоҳоти густурдаи соҳаи маориф ва сиёсати давлатии кишвар арзёбӣ намуд.

– Барои ман мояи ифтихори бузург аст, ки шуморо дар сарзамини қадима ва меҳмоннавози Ӯзбекистон — ватани Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ, Бурҳониддини Марғинонӣ, Мирзо Улуғбек, Ибни Сино ва дигар донишмандони бузурге, ки дар рушди илм ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд, истиқбол менамоям. Басо рамзист, ки имрӯз мо дар Маркази бошукӯҳи тамаддуни исломӣ, ки бо ташаббус ва таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бунёд шудааст, ҷамъ омадаем, – гуфт Музаффар Комилов.

Ба гуфтаи ӯ, имрӯз дар Ӯзбекистон корҳои густурда оид ба омӯзиш, ҳифз ва муаррифии мероси ғании илмӣ ва маънавии тамаддуни исломӣ амалӣ мегарданд.

Директори генералии ICESCO доктор Салим ал-Малик зимни суханронӣ ислоҳоти башардӯстонаи солҳои охири Ӯзбекистонро шоистаи эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ номид.

Ӯ таъкид кард, ки сиёсати давлатӣ, ки ба ҳифзи мероси таърихӣ, рушди илм ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст, на танҳо барои Ӯзбекистон, балки барои тамоми тамаддуни исломӣ аҳамияти бузург дорад. Имрӯз дастовардҳои Ӯзбекистон дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, адолати иҷтимоӣ, иқтисод ва сиёсати хориҷӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ баҳои баланд гирифтаанд. Ин боиси ифтихори тамоми ҷаҳони ислом мебошад.

Дар маросими ифтитоҳ инчунин паёми табрикотии Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдуғон қироат гардид.

Дар он зикр шудааст, ки форум ҳамчун ташаббуси муҳим барои таҳкими сулҳ, муколама ва эътимоди мутақобила дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ хизмат мекунад. Ҳамзамон, дар шароити густариши исломситезӣ, муаррифии моҳияти ҳақиқии инсондӯстонаи дини ислом вазифаи муштараки ҷомеаи ҷаҳони ислом мебошад.

Иштирокчиёни форум саҳми тамаддуни Мовароуннаҳрро дар рушди илму фарҳанги ҷаҳонӣ махсус таъкид намуда, зарурати муаррифии минбаъдаи шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тирмиз ва Хиваро ҳамчун марказҳои эътирофшудаи илму фарҳанг дар сатҳи байналмилалӣ муҳим арзёбӣ карданд.

Ба андешаи коршиносон, сиёсати Ӯзбекистон дар самти рақамикунонии дастхатҳо, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ намунаи муассири нигоҳдории мероси фарҳангӣ мебошад.

Аввалин Форуми байналмилалии тамаддуни исломӣ танҳо маҳфили баррасии гузашта нест. Он ба оянда нигаронида шудааст. Ғояҳои пешниҳодшуда, қарорҳои қабулшаванда, созишномаҳои имзошаванда ва таҳқиқоти муштараки илмӣ барои ҳифз ва интиқоли мероси ғании маънавии тамаддуни исломӣ ба наслҳои оянда, таҳкими эътимод ва густариши ҳамкориҳои байни халқҳо ва тамаддунҳо мусоидат хоҳанд кард.

Дар доираи форум дар Самарқанд ва Тирмиз чор конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба мероси олимони барҷастаи ҷаҳони ислом баргузор мешавад.

Ҳамчунин интизор меравад, ки имсол бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар қароргоҳҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Ню-Йорк ва Женева, инчунин дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж чорабиниҳои махсус бахшида ба тамаддуни исломӣ ва мероси ниёгон баргузор гарданд.

Бино ба арзёбии иштирокчиён, ташаббусҳои пешниҳодшуда дар рӯзи аввали форум мавқеи рӯзафзуни Ӯзбекистонро дар дипломатияи башардӯстона таҳким бахшида, ҷойгоҳи кишварро ҳамчун маркази муҳими ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ ва зеҳнӣ дар Осиёи Марказӣ боз ҳам устувортар хоҳанд сохт.

Бешубҳа, нахустин Форуми байналмилалии тамаддуни исломӣ дар таърихи рушди илму маорифи Ӯзбекистон, ҷаҳони ислом ва ҷомеаи байналмилалии академӣ саҳифаи наверо боз мекунад.

Дар тӯли панҷ рӯз Тошканд, Самарқанд ва Тирмиз ба марказҳои ҷаҳонии илм, маърифат ва муколамаи тамаддунҳо табдил хоҳанд ёфт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

# БАРРАСИИ ТАДБИРҲО ОИД БА ҶОРӢ НАМУДАНИ ПЛАТФОРМАИ ЯГОНАИ РАҚАМӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ғайр аз ин, пешниҳодҳо оид ба ташкили зиёда аз 20 барномаи акселератсионӣ дар вилоятҳои Бухоро ва Фарғона, инчунин ворид намудани стартапҳо ба бозорҳои бузурги байналмилалӣ пешниҳод гардиданд.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд. Дар солҳои охир сатҳи фарогирии маҳалҳои аҳолинишин бо хидматрасониҳои телекоммуникатсионӣ аз 41 то 98 фоиз афзоиш ёфта, иқтидори умумии интернет 65 баробар зиёд шудааст.

Бо вуҷуди ин, қайд гардид, ки соҳибкорӣ дар соҳаи хидматрасониҳои телекоммуникатсионӣ барои соҳибкорони маҳаллӣ ҳанӯз ҳам ҷолибияти кофӣ надорад ва дар ноҳияҳои дурдаст ҳиссаи истифодабарандагони интернети ноқилӣ хеле паст боқӣ мемонад.

Бо мақсади беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дар соҳа пешниҳод гардид, ки ду навъи иҷозатнома барои тарҳрезӣ ва сохтмони шабакаҳои телекоммуникатсионӣ муттаҳид карда, муҳлати додани иҷозатнома аз 25 то 10 рӯзи корӣ кам карда шавад.

Ҳангоми тарҳрезӣ ва сохтмони биноҳои бисёрошёна талаботи ҳатман пайвастшавӣ ба интернети баландсуръат ҷорӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳанӯз дар марҳилаи сохтмон инфрасохтори алоқаи нахи оптикӣ фароҳам оварда шуда, сокинон бо хидматрасониҳои босифати рақамӣ таъмин гарданд.

Ғайр аз ин, барои ҷавононе, ки нияти оғози фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи телекоммуникатсияро доранд, дар доираи барномаи «Келажак тадбиркори» қарзҳои имтиёзнок ба маблағи то 530 миллион сӯм бо муҳлати 7 сол бо давраи имтиёзноки дусола ва меъёри фоизи 15 дарсад пешниҳод карда мешаванд. Барои соҳибкороне, ки дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар фаъолият мекунанд, нақшаҳои тарифии имтиёзнок таҳия хоҳанд шуд.

Президенти мамлакат пешниҳодҳои тақдимшударо маъқул дониста, ба масъулон оид ба ҳамгироии маълумоти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои рақамӣ, таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ, инчунин фароҳам овардани муҳити боз ҳам мусоид барои бахши хусусӣ дар соҳа супоришҳои мушаххас дод.

**ЎзА.**

# МУРОҶИАТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ФОРУМИ ЯКУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эҳё, ҳифзи эҳтиёткорона, омӯзиш ва таблиғи васеи мероси ғанӣ ва нотакрори тамаддуни исломӣ муайян гардидааст. Тадбирҳои бонизом пеш аз ҳама ба омӯзиши амиқи ин мерос, омода намудани мутахассисони баландихтисос, дастгирии таҳқиқоти донишбунёд ва рушди ҳамкориҳои башардӯстона равона шудаанд. Дар ин замина барои барқарорсозӣ ва ободонии зиёратгоҳҳои муқаддас ва маҷмааҳои таърихию фарҳангие, ки бо ҳаёт ва фаъолияти намояндагони бузурги тамаддуни исломӣ алоқаманданд, корҳои бузург анҷом дода мешаванд.

Мо, бешубҳа, аз он хушҳолем, ки маҷмааи ёдгории муҳаддиси бузург Имом Бухорӣ, ки дар вилояти Самарқанд бо симои комилан нав бунёд гардидааст, ҳамчун яке аз марказҳои бузурги маънавӣ, илмӣ ва маърифатӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми ҷаҳони ислом эътироф мешавад.

Сарзамини Ӯзбекистон, ки аз қадим макони бархӯрди тамаддунҳо, фарҳангҳо ва динҳои бузург буд, имрӯз низ ба сарзамини муборакe табдил ёфтааст, ки дар он намояндагони миллат, халқият ва мазҳабҳои гуногун дар фазои сулҳ, эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ мекунанд. Анъанаҳои кушодадилӣ ва таҳаммулпазирӣ пояи сиёсати давлатии моро ташкил дода, моҳият ва мазмуни талошҳои кишварро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалии башардӯстона ва густариши муколамаи фарҳангҳо ва тамаддунҳо муайян месозанд.

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Нидои ҷовидонаи Қуръони карим – «Иқра!» («Бихон!») барои ҳамаи инсони некандеши ҷаҳон ҳамчун ситораи раҳнамо хидмат мекунад ва онҳоро дар роҳи ормонҳои наҷиб баҳри саодати насли имрӯз ва оянда ҳидоят менамояд. Бо гузашти асрҳо маънои аслии ин нидои муқаддас аҳамияти худро ҳаргиз аз даст надодааст.

Баръакс, дар замони рушди бесобиқаи технологияҳо ва дигаргуниҳои босуръат, ин нидо боз ҳам пуртанинтар садо медиҳад ва ба тамоми башарият хотиррасон месозад, ки нақши асосӣ дар шукуфоии ҷомеа ба илм, маърифат, рушди маънавӣ ва зеҳнӣ тааллуқ дорад.

Ин васияти муқаддас ба дарвозаи асосии Маркази тамаддуни исломӣ дар Ӯзбекистон нақш бастааст ва ҳадафи олии онро бобати иҷрои рисолати бузург оид ба ҳифзи эҳтиёткорона ва омӯзиши амиқи мероси бебаҳои тамаддуни исломӣ, инчунин таҳкими ҳамаҷонибаи дӯстӣ ва ҳамкории халқҳои ҷаҳон равшан ифода мекунад. Барои мо ин марказ рамзи хотираи таърихии халқамон, нишонаи эҳтироми амиқ ба мероси аҷдодони бузург ва ҳамзамон таҷассумгари рӯшанӣ аз ормонҳои Ӯзбекистони Нав ба сӯи оянда мебошад.

Марказ фазои кушоди зеҳнӣ аст, ки ҳамаи донишмандон, муҳаққиқон, уламои дин ва мутахассисони ҷаҳонро, ки ҳаёти худро ба рушди илм, ҳифз ва интиқоли арзишҳои умумибашарӣ ба наслҳои оянда бахшидаанд, ба ҳам меорад.

Боиси хушнудист, ки дар як муддати кӯтоҳ ин марказ ба пули зеҳнӣ табдил ёфт, ки гузашта ва оянда, Шарқ ва Ғарб, анъанаҳои қадим ва дастовардҳои муосири илмиро бо ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ, мо Форуми якуми байналмилалии тамаддуни исломиро марҳилаи нави ҳамкории ҷаҳонӣ медонем, ки иқтидори зеҳнии кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ, марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва пажӯҳишгоҳҳоро муттаҳид хоҳад сохт. Мо умедворем, ки дар ин самт барномаи муштараки амал қабул мегардад.

Ӯзбекистон ҳамеша омода аст, ки аз лоиҳаҳо ва ташаббусҳое, ки якҷо бо шарикони байналмилалӣ амалӣ мешаванд, ҳамаҷониба дастгирӣ намояд. Дар Маркази тамаддуни исломӣ барои гузаронидани таҳқиқоти бунёдии илмӣ, ташкили форуму конфронсҳои байналмилалӣ, омода намудани нашрияҳои муштарак, татбиқи барномаҳои таълимӣ ва рушди робитаҳои густурдаи башардӯстона бо марказҳои пешрафтаи илмӣ ва фарҳангии ҷаҳон тамоми шароит муҳайё гардидааст.

Мо қатъиян бар онем, ки илм ва маърифат имрӯз ҳам неруи бузургтарини муттаҳидкунандаи инсоният, пояи созанда ва заминаи устувори сулҳу рушди устувор мебошанд ва ҳамаи шуморо ба ҳамкорӣ баҳри расидан ба ин ҳадафи наҷиб даъват менамоем.

Дӯстони гиромӣ!

Дар доираи форум дар шаҳрҳои таърихии Самарқанд ва Тирмиз конфронсҳое баргузор мешаванд, ки ба мероси илмии аҷдодони бузурги мо бахшида шудаанд. Дар он ҷо шумо метавонед шахсан бо корҳои дар кишвар ҷиҳати эҳё ва ҳифзи арзишҳои маънавию маърифатӣ, таҳкими сулҳу таҳаммулпазирӣ ва бунёди Ӯзбекистони Нав анҷомёфта шинос шавед. Бовар дорам, ки мулоқоту суҳбатҳои ошкоро бо мардуми меҳнатдӯст ва меҳмоннавози мо ба шумо барои анҷом додани таҳқиқоти нави илмӣ, офаридани асарҳои бадеӣ ва татбиқи лоиҳаҳои фарҳангиву башардӯстона илҳоми тоза мебахшанд.

Бори дигар ҳамаи шуморо самимона хайрамақдам гуфта, бароятон сиҳатмандӣ, дастовардҳои нав дар фаъолияти пуршарафатон ва ба кори форум комёбиҳои бузург орзу менамоям.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ**
**Президенти Ҷумҳурии**
**Ӯзбекистон.**

***Президент Шавкат Мирзиёев 30 июн зимни намоишгоҳи махсусе, ки ба муносибати Рӯзи ҷавонон дар шаҳраки Олимпӣ ташкил шуда буд, бо лоиҳаҳои ҷавонони фаъол ва ташаббускор дар самтҳои ҳаёти маҳалла, ҳифзи муҳити зист, стартапҳо, муҳандисӣ ва баланд бардоштани фарҳанги китобхонӣ шинос шуд.***

# БА ДОНИШҶӮДУХТАР ТУҲФАИ ПРЕЗИДЕНТ СУПУРДА ШУД




*Ба Сарвари давлат лоиҳаи Aral Drive, ки аз ҷониби донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии техникии Нукус барои иштирок дар озмуни байналмилалии Shell Eco-marathon таҳия шудааст, муаррифӣ гардид. Таъкид шуд, ки дастоварди донишҷӯи ин донишгоҳ ва сокини Технопарки ҷавонони Нукус Айзада Асанова дар самти «Автомобилҳои насли нав» аз рушди босуръати мактабҳои муҳандисӣ дар минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Барои ин лоиҳа Айзада Асанова бо туҳфаи Президенти кишвар — мошини барқии Volkswagen сарфароз гардонида шуд.*

*Дар маросими тантанавӣ калиди мошини барқиро ба соҳибаш Раиси Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Аманбой Оринбаев супурд.*

*Ӯ инчунин ҳамаи иштирокчиёни лоиҳаи Aral Drive-ро табрик гуфта, ба онҳо дар озмуни дарпешистода, ки дар Белгия баргузор мегардад, комёбиҳои нав орзу намуд.*

***Д. ҲАБИБУЛЛОЕВ, хабарнигори ЎзА.***

# ДАР ФАРОҒАТГОҲҲО НАВРАСОН ЧӢ ГУНА ИСТИРОҲАТ МЕКУНАНД?

***Баъд аз анҷоми соли хониш барои пурмазмун ва бофароғат гузаронидани вақти худ ҳар сол мактаббачагон таътили тобистонаро мехоҳанд, ки дар ҷойҳои хушбоду ҳаво гузаронанд. Дар фароғатгоҳҳо гузаронидани таътили тобистона барои хуб оғоз намудани соли нави хониш ба мактаббачагон нерӯи нав мебахшад. Доир ба мавзӯи мазкур бо роҳбари шуъбаи вилоятии Департаменти ташкили дамгирӣ ва солимгардонии мактаббачагон Аббос Тағоймуродов суҳбат оростем, ки фишурдаи онро манзури хонандагони рӯзнома мегардонем.***



**– Дар соли ҷорӣ дар вилояти Сурхондарё дар мавсими таътили тобистона дар чанд фароғатгоҳи солимгардонӣ мактаббачагон истироҳат мекунанд?**

– Дар соли ҷорӣ дар 9 фароғатгоҳи берун аз шаҳрии вилоят 7440 нафар ва дар 130 фароғатгоҳи мактаб-интернатҳои ихтисосонидашуда ва фароғатгоҳҳои рӯзонаи назди мактабӣ (танҳо як давр) 12000 нафар, ҷамъ 19400 нафар мактаббачагон бояд дар давоми мавсим истироҳат намоянд. Алалхусус, дар 9 фароғатгоҳи берун аз шаҳр, ки дар тарбияи хурдсолон аҳамияти калон дорад, ташкили корҳо хеле мураккаб буда, масъулияти ҷиддӣ ва назорати қатъиро талаб мекунад. Имсол бо кӯмаки бевоситаи давлат ва департаменти солимгардонӣ мувофиқи нақша дар 9 фароғатгоҳи берун аз шаҳри вилоят дамгирии хурдсолон дар мавсим хуб ташкил карда шудааст. Аз ин 9 фароғатгоҳ 4-тояш дар тасарруфи департамент буда, 5-тояш ба ихтиёри дигар субъектҳои хоҷагӣ мансуб аст. Навбати аввали дамгирӣ аз 10 июн то 21 июн давом намуда, дар 4 фароғатгоҳ 920 ва дар 5-тои боқимонда 818 нафар, ҷамъ 1738 нафар мактаббачагон дам гирифтанд, яъне нақшаи пешбинишуда дар навбати аввал 105 фоиз иҷро гардид.

**– Барои пурмазмун ва хуш гузаронидани мавсим чӣ чораҳои мушаххас андешида шудаанд?**

– Дар қадами аввал дар ҳама фароғатгоҳҳо шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Департамент барои хуш гузаштани мавсим давоми сол кор мебарад. Зеро муҳайё сохтани шароити хуб, таъмини маводи хӯрокӣ ва чораҳои бехатарӣ хеле муҳим буда, дар ин бобат тӯли сол бояд тайёрӣ дид. Ҷиҳати дигари масъала, пурмазмун гузаронидани мавсими дамгирӣ аст. Мақсад аз ташкил намудани дамгирӣ ва солимгардонии кӯдакон онҳоро ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисмонан солим тарбия кардан аст. Барои ин дар ҳар навбати дамгирӣ мутахассисон ҷалб карда мешаванд. Дар 9 фароғатгоҳи зикршуда дар ҳар навбат 202 нафар тарбиячӣ-мураббӣ, 202 нафар мутахассиси пешоҳанг, 9 нафар муаллимони забони хориҷӣ, 9 нафар мутахассисони соҳаи варзиш, 9 нафар муаллимони фанни мусиқӣ, 18-нафар раҳбарони маҳфил, 9 нафар китобхоначӣ, 9 нафар духтури педиатр, 9 нафар ҳамшираи ботаҷриба интихоб гардида ба кор ҷалб карда шудааст. Тарбиягарон асосан аз сохтори соҳаи таълим интихоб шудаанд, ки на кам аз 5 соли собиқаи корӣ дошта бошанд. Инчунин, барои такмили ихтисоси онҳо дар бобати фаъолият дар фароғатгоҳҳо бо онҳо машғулотҳо низ гузаронида шуд. Бо ходимони тиб, ки аз тарафи Садорати тиббиёти вилоят интихоб карда шудаанд, низ барои такмил додани ихтисосашон машғулотҳо гузаронида шуд. Дар ҳар фароғатгоҳ кӯмаки таъҷилии тиббӣ ташкил карда шуд. Дору ва дармонҳои зарурие, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ тасдиқ карда шудааст, аз қабили зардоби зидди заҳри мор, сиёҳкирм ва ғайра тавассути шуъбаи корхонаи «Сурхон-дору-дармон» фароғатгоҳҳо пурра таъмин карда шудаанд. Хуллас, дар натиҷаи дуруст роҳандозӣ кардани корҳои ташкилӣ, шукр, дар навбати аввал ягон ҳолати нохуш, бемор шудани бачагон ба қайд гирифта нашудааст.

**– Барои бехатарии мактаббачагон чӣ чораҳо андешида шудаанд?**

– Масъалаи бехатарии хурдсолон низ аз масъалаҳои хеле муҳими мавсим маҳсуб меёбад. Зеро хурдсолон муддати 12 рӯз дур аз падару модар вақти худро дар фароғатгоҳҳо мегузаронанд. Сиҳат ва саломат ба волидайнашон супоридани кӯдакон аз ҳама муҳим аст. Барои ин ходимони корҳои дохилӣ, вазъиятҳои фавқулода, гвардияи миллӣ ва соҳаи тиббиёт ҷалб карда шудаанд ва навбатдории доимӣ низ ташкил карда шудааст. Дар ҳудуди фароғатгоҳҳо ва гирду атрофи он тартибу интизоми қатъӣ ба роҳ монда шудааст.

**– Барои хушу гуворо ва пурмазмун гузаштани мавсим оё чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳам барпо мегарданд?**

– Бале, ин хеле муҳим аст. Дар ҳамаи фароғатгоҳҳо китобхона ташкил карда шудааст. Мактаббачагон вақти холии худро бо китобхонӣ мегузаронанд. Барои ҷисман ва рӯҳан солимгардонии хурдсолон бозиҳои варзишӣ мунтазам ташкил карда мешавад. Дар фароғатгоҳҳо мусобиқаҳои варзишии шоҳмот, шашка, футбол, волейбол, тенниси мизӣ, давидан ташкил карда шуд. Ғолибони мусобиқа бо туҳфаҳои хотирмони Иттифоқҳои касаба ва Департаменти ташкили истироҳат ва солимгардонии кӯдакон рағбатнок карда мешаванд.

Наврасонро ба саёҳати гирду атрофи фароғатгоҳҳо низ мебарорем.

Инчунин, аз тарафи шуъбаҳои вилоятии Гвардияи миллӣ, Саридораи корҳои дохилӣ, корҳои мудофиа, вазъиятҳои фавқулода, таълими томактабӣ, мактабӣ ва рушди инноватсионӣ, туризм, Иттиҳодияи ҳунармандони вилоят, Агентии кор бо ҷавонон, ТНН «Заковат» дар 9 фароғатгоҳи номбурда зиёда аз 60 тадбири маданиву маърифатӣ гузаронида шуд, ки ба ҷавонон кайфияти хуш бахшид.

**– Барои суҳбати самимӣ ташаккур!**

– Саломат бошед!

Суҳбаторо
**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

**Забони модарӣ ганҷи бебаҳо, ойинаи таърих, фарҳанг ва ҳастии ҳар миллат мебошад. Забони тоҷикӣ (форсӣ), ки аз умқи ҳазорсолаҳо то ба рӯзгори мо расидааст, на танҳо воситаи гуфтугӯ, балки рукни асосии ҳувияти миллӣ ва сарчашмаи маънавияти мардум аст. Миллате, ки забони худро дӯст медорад ва эҳтиром мекунад, метавонад дар роҳи илму дониш ва пешрафт қадамҳои устувор гузорад.**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ – ЧАРОҒИ ҲУВИЯТ ВА КАЛИДИ МУВАФФАҚИЯТ

Имрӯз дар Ӯзбекистон барои ҷавонон шароити мусоид ҷиҳати омӯзиши илм ва забонҳои хориҷӣ муҳайё гардидааст. Дар муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудаанд, то хонандагон донишҳои худро такмил дода, дар озмуну имтиҳонҳои гуногун иштирок намоянд ва ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Аз чунин ҷавонони фаъолу донишдӯст хонандагони синфи 10 «Б»-и тоҷикии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғоми вилояти Самарқанд – Таҳмина Муродова, Миҷгона Абдурасулова, Ганҷина Муродова ва Суҳроб Асламов мебошанд. Инҳо хонандаи фаъолу ташаббускор, ки ҳамагӣ дар як синф таҳсил менамоянд, бо меҳнатдӯстӣ, иродаи қавӣ ва шавқи баланди донишомӯзӣ тавонистанд ба натиҷаҳои арзанда ноил гарданд.

Қобили зикр аст, ки дар синфи 10 «Б», ки имсол ба синфи 11 гузаштанд, ҳамагӣ 8 нафар хонанда таҳсил менамоянд. Бо вуҷуди шумораи ками хонандагон, онҳо пайваста дар корҳои таълимӣ фаъол буда, барои дигарон намунаи ибрат мебошанд.

Таҳмина Муродова аз фанни забони ӯзбекӣ соҳиби сертификати дараҷаи В+ гардид. Миҷгона Абдурасулова аз ҳамин фан соҳиби сертификати дараҷаи С+ шуда, ҳамзамон аз фанни забони англисӣ низ сертификати дараҷаи В1-ро ба даст овард. Ганҷина Муродова ва Суҳроб Асламов бошанд, аз фанни забони ӯзбекӣ соҳиби сертификати дараҷаи В2 гардиданд.

Ин дастовардҳо бори дигар собит месозанд, ки омӯзиш бо забони модарӣ ҳеч гоҳ барои аз худ кардани дигар забонҳо монеа намегардад. Баръакс, шахсе, ки забони модарии худро хуб медонад, ба он эҳтиром мегузорад ва аз ганҷи луғавии он баҳра мебарад, метавонад забонҳои дигарро низ ба осонӣ омӯзад.

Камина низ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба ҳамин синф ҳафтае ду маротиба дарс мегузарам. Ҳар боре, ки ба чеҳраҳои пурнури хонандагон менигарам, аз шавқу рағбати онҳо ба омӯзиши забони модарӣ, аз эҳтиромашон нисбат ба фарҳангу адабиёти тоҷик ва аз муҳаббате, ки ба сухани ноби тоҷикӣ доранд, қалбам саршор аз ифтихор мегардад.

Вақте мебинам, ки ҷавонони имрӯза, дар баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба забони модарии худ низ арҷ мегузоранд, онро дӯст медоранд ва барои поку равон сухан гуфтан талош мекунанд, дилам аз умеду боварӣ лабрез мешавад.

Дар чунин лаҳзаҳо беихтиёр ба худ мегӯям: «То вақте мо чунин ҷавонони зиндадил, донишдӯст ва забондӯст дорем, миллати мо поянда ва забони ширини тоҷикӣ зинда хоҳад монд».

Воқеан ҳам,ояндаи ҳар миллат дар дасти ҷавонони он аст. Хушбахтона, имрӯз ҷавононе ба камол мерасанд, ки забони модарии худро дӯст медоранд, ба қадри он мерасанд ва онро ҳамчун мероси муқаддаси ниёгон ҳифз менамоянд.

Беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш осон гардад.*

Имрӯз ҷавонони тоҷик ҳамчун идомадиҳандагони роҳи бузургони адабу фарҳанги мо – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Айнӣ ва Лоиқ Шералӣ масъулияти бузург доранд. Онҳо бояд забони модарии худро ҳифз намоянд, покизагии онро нигоҳ доранд ва ҳамзамон бо омӯзиши илм ва забонҳои дигар дар муаррифии фарҳанги тоҷик ба ҷаҳониён саҳмгузор бошанд.

Дастовардҳои ин хонандагон бори дигар нишон медиҳанд, ки таҳсил бо забони модарӣ ҳеч гоҳ садди роҳи муваффақият нест. Баръакс, кӯдаке, ки дар пояи забони модарии худ мустаҳкам ба камол мерасад, метавонад дигар забонҳоро низ осонтар ва амиқтар аз худ намояд.

Мутаассифона, имрӯз баъзе падару модарон бо гумони он киояндаи фарзандашон танҳо ба забони дигар вобаста аст, онҳоро аз омӯзиш бо забони модарӣ дур месозанд. Дар натиҷа, баъзе фарзандон на забони модарии худро пурра медонанду на бо забони дигар озодона андеша баён карда метавонанд. Онҳо аз решаҳои фарҳангӣ ва маънавии худ тадриҷан дур мешаванд.

Забони модарӣ танҳо маҷмӯи калимаҳо нест. Забони модарӣ садои гаҳвора, насиҳати модар, дуои падар, мероси ниёгон ва шиносномаи миллат аст. Кӯдаке, ки аз забони модарии худ ҷудо мешавад, гӯё аз як қисми ҳастии худ дур мегардад.

Хушбахтона, хонандагони синфи тоҷикӣ бо натиҷаҳои баланди худ исбот карданд, ки метавон ҳам забони модариро дӯст дошт, ҳам забонҳои дигарро дар сатҳи баланд омӯхт. Онҳо ба ҳамаи падару модарон паёми умед мебахшанд: фарзанде, ки решаҳои худро мешиносад, шохаҳои худро то осмон хоҳад расонд.

**Миҷгона ХОҶАЕВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти умумии рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғами вилояти Самарқанд.**

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ӮРО НАРШАХИНАФАС НИЗ МЕНОМИДАНД

***Китобҳое, ки моро бо аслиятамон аз наздик шинос мекунанд, хонандагони доимии худро доранд. Ба рӯйхати чунин китобҳо китоби таърихшинос Нарзулло Йӯлдошев «Таърихи авлиёи Бухоро»-ро метавон дохил намуд, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯйи ҷандинсолаи муаллиф рӯйи чопро дидааст. Ман то андозае китобҳоро оиди таърихи Бухоро мутолиа кардаам, аммо чун китоби домулло Н. Йӯлдошев асареро надидаам.***



Тафовути китоби «Таърихи авлиёи Бухоро» аз асарҳои дигари таърихӣ дар он аст, ки муаллиф дар китоб оиди давраи тоисломии диёрамон, даврони тасаллуту паҳншавии дини ислом маълумоти зиёдеро пешкаши хонандагон намудааст. Аз ҷумла, оиди авлиё, қадамҷоҳои муқаддасе, ки номи занонаро соҳибанд, навишта шудааст, ки «... чунин ҷойҳо мисли Бибизубайда, Бибикабӯтпӯш, Бибишоистаипок, Чилдухтарон ва ғайра ба таърихи тоисломии Бухоро вобаста аст. Дар дини мубинамон ҳатто зану шавҳар ҳамдигарро бо номи фарзанди аввал, дар баъзе маҳалҳо бо номи додаришӯй зикр мекунанд, аз ин ҷиҳат номи қадамҷоҳои муқаддасе, ки бо номи занон номбар мешаванд, ба таърихи тоисломии диёрамон дахлдоранд».

...Бинобар ривояте мардони деҳаи Корвонбош бо амри Вардонхудот ба ҳашари ҷӯйи Шоҳпурканд мераванд. Роҳзанҳои саҳроӣ аз ин огоҳ гашта, шабонгаҳ ба деҳа ҳуҷум мекунанд. Духтарони деҳ либоси ҷанговаронаи падару бародаронашонро ба бар карда, барои ҳифзи деҳ ба по мехезанд ва роҳзанҳоро мағлуб мекунанд. Ҳангоми ҷанг тасодуфан телпаки духтаре аз сараш меафтад ва чил кокули сиёҳаш парешон мешавад. Яке аз роҳзанҳо, ки инро дида мемонад, ба ҳамраҳон мерасонад, ки рақиби онҳо ҳама духтарон буданд... Рӯзи дигар роҳзанон бо қувваи иловагӣ азнав ҳуҷум карда, ҳамаи духтарони муҳофизро мағлуб месозанд.

Ин ривоят дар давоми асрҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, маҳз бо хидмати Нарзулло Йӯлдошев аз саҳифаҳои таърихи Бухоро ҷой гирифтааст.

Хидматҳои Н. Йӯлдошев дар эҳёи шахсони таърихӣ, авлиё ва зиёратгоҳҳои Бухорои куҳан беназир мебошад, ки аз ин ҷиҳат ба ӯ унвони наршахинафасро низ нисбат додаанд. Мавсуф барои омӯхтани фаъолияти Хоҷа Аҳрори Валӣ умри зиёди худро сарф намудааст, ки дар натиҷаи чунин таҳқиқот соҳиби дараҷаи доктори илмҳои таърих гардидааст.

Нарзулло Йӯлдошев 10 сентябри соли 1926 дар маҳаллаи Косагарони шаҳри Бухоро дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна дар факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории Бухоро (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бухоро) таҳсили илм намуда, онро бомуваффақият хатм менамояд ва пас аз фаъолияти муаллимӣ дар яке аз мактабҳои миёнаи шаҳри Галаосиё, ба донишкадаи мазкур бармегардад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# КИТОБХОНАИ КАПСУЛАВИИ ЗАМОНАВӢ



*Дар ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон баҳри баланд бардоштани иқтидори интеллектуалии ҷавонон, тарғиби васеи маданияти мутолиа боз як лоиҳаи муҳим ба амал бароварда шуд. Дар маҳаллаи ба номи Алишери Навоӣ китобхонаи капсулавии замонавӣ – «Маскани зиёи ҷавонон» ба истифода супурда шуд. Дар ифтитоҳи чорабинӣ, ки бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон барпо гардид, ҳокими ноҳия Илҳом Сатторов, директори маркази ахбору китобхонаи ба номи Нодирабегими вилоят, масъулони соҳа, китобхонони ҷавон ва намояндагони ҷомеа иштирок намуданд.*

*Баромадкунандагон таъкид намуданд, ки дар мамлакатамон барои дастгирии ҳаматарафаи ҷавонон, таҳсил ва худомӯзии онҳо имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Ба кор оғоз намудани китобхона яке аз чунин саъю ҳаракатҳои нек ба шумор меравад.*

*Китобхонаи капсулавӣ бо адабиётҳои бадеӣ, асарҳои классикии ҷаҳон ва муосир, илмиву оммавӣ таъмин буда, ҳамчун маскани маърифати замонавӣ баҳри ғанӣ гардондани дониши ҷавонон хидмат мекунад.*

***Дар сурат:** китобхонаи капсулавии замонавии «Маскани зиёи ҷавонон» дар маҳаллаи Алишери Навоӣ.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. (ӮзА)***

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## Барои пешгирии пиршавии бармаҳал

Барои пешгирии пиршавии бармаҳали бадан воситаи бо қаламфури сурх омодашуда кумак мерасонад. Барои ин 1 қошуқча қаламфури сурхи майдашударо бо 500 грамм равғани растанӣ ва 200 грамм асал омехта намоед. То ба охир расидани он, дар як рӯз 4-5 маротиба 1 қошуқ истеъмол кунед. Муолиҷаро бо танаффуси на камтар аз се моҳ такрор кардан мумкин аст.

## Барои бардамӣ

Дар табобат мурчи дароз (филфили дароз) низ истифода мешавад. Он нисбат ба дигар навъҳои мурч қавитар ва хуштаъм буда, тезии он форам, хусусияти рондан, тоза кардани рӯдаҳоро дорад. Ба таркиби доруҳои қувватбахши мардонагӣ дохил мешавад. Истеъмол намудани мурчи дароз бо мавизи бедон ва асал, аз бисёр бемориҳо пешгирӣ карда, инсонро ҳамеша пурқувват нигоҳ медорад.

Барои ин 1 кг асал ва мавизи зарди бедон ба миқдори баробар ҳамроҳ карда, 100 грамм мурчи дароз (вай ба гули бед монанд буда, монанди доначаҳои баргизӯф зич ҷойгир шудааст, дарозияш 2–3 см) кӯфта, омехта мешавад. Саҳарӣ ва бегоҳ 1 қошуқӣ (қошуқи чой) мемаканд.

## Ҳангоми поён фаромадани бачадон

Барги тару тозаи газна (чаёнӯт)-ро гузошта мебанданд, бачадони поёнфаромадаро ба ҷояш бармегардонад).

## Ҳангоми сардии бачадон

Агар равғани ҳазориспанд ҳуқна карда шавад, барои дарди миён, дарди паҳлу, инчунин сардии гурда ва бачадон фоида дорад. (Барои шахсони гарммизоҷ ҳазориспанд тавсия дода намешавад).

## Ҳангоми захмҳои бачадон

Барои фоида расонидан ба захмҳои бачадон, ба ҷӯшобаи бӯйимодарон нишастан лозим аст.

## Ҳангоми хунравии варамҳои бачадон

Ҳангоми хунравии варамҳои бачадон, 60,0 грамм явшонро ба ангишт табдил дода майда кӯфта, аз он дар як рӯз 3 маротиба ба миқдори 0,2 бо оби биринҷи бе намак ҷӯшонида менӯшанд.

## Барои мулоим кардани даҳонаи бачадон

Равғани гармкардашудаи бӯйимодарон барои нарм кардани даҳонаи бачадон кор мекунад.

## Ҳангоми сахтшавии бачадон

Дар ҳолати сахтшавии бачадон ва дардҳое, ки аз сардӣ ба вуҷуд меоянд, ба ҷӯшобаи гулсафсар менишинанд.

## Ҳангоми хориши бачадон

Кокӯтӣ (кийикӯт)-и саҳроиро дар об ҷӯшонида, ба зери шикам, яъне гирди ноф, кам-кам ба пайваста чаконда шавад, барои хориши бачадон бӯйи бачадон ба сахтшавии он – дар ҳама ҳолатҳо муфид аст.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

# ОХИРИН САЙДИ САЙЁДИ ПИР

*(Ҳикоя)*

Марги фоҷиавии даҳмардаи пир дар як нафас дар обрави Чашмаи Кабӯтарон овозаву дарвоза шуд. Мӯйсафеди Солеҳбой он субҳгоҳон ба назди наберааш, ки дар шафати Зовисафед рама мепоид, барояш обу нон мебурд. Саворе дар нимароҳ рӯбарӯяш омад ва ин хабари нохушро ба ӯ расонид. Мӯйсафед баробари шунидани ин воқеа ҳуш аз сар бохт, фурӯ дар фикру хаёли худӣ печид. Ҳатто маркаби савораш, ки аз роҳ бозгашта, ба сӯйи авул маҳмез мезад, бехабар монд. Ҳадаҳа сари маркабро аз роҳаш боздошт ва ба ҷониби Зовисафед пеш ронд. Ба чаҳор самти атроф дида дӯхт. Аз савори шумхабар на ном буду на ҳайдар. Ин лаҳза пеши назараш симои барҷаста, ришу фаши мошу биринҷ ва чашмони уқобии Ҳамроҳбой ҷилвагар шуд. Он рӯз авзояш парешон, табъаш бениҳоят хира менамуд. Дарду ҳиссе, ки аз дили ӯ мегузашт, худаш медонисту Худо. Дар ҳамин авзо ногаҳон дарди дил кафонд: »Ӯ бояд субҳи барвақт ба шикори гургон равад, дар шафати пайкари санги одамсимо». Чунин ҳарфро аз забони дӯсташ бишнид, даъфатан суханони ӯро бурида афзуд:

– Ҳамроҳбой, синнатон ҳафтоду панҷро убур мекунад. Он айёми навҷавониатон гузашт. Дар он зови хатарнок, рези кӯҳсор шабу рӯз ба шӯру валвала меояд, чӣ гуна шикор хоҳед кард? Ҳар кор давру замон дорад, дӯстам.

Дӯсташ оҳе аз дили сӯхтаи хеш бароварда, пасон ба суоли Солеҳбой бо тамкин гуфт:

– Ин таъкидҳои Шумо аз рӯйи рисолат аст, чанд ҳафта қабл аз ин ба деҳаи Панҷоб рафта будам, дар ҷустуҷӯйи сайёди овозадори ин деҳа. Сайёдро зориву тавалло кардам, ки бароям гургеро шикор кунад. Гуфтамаш: «Чӣ ҳақ талаб кунӣ медиҳам». Ҳарчанд паёпай нобудшавии набераҳоямро гуфта ашк рехтам, хонахароб хоҳишамро рад кард. Сарсону саргардон ба хона баргаштам. Дар ин ҷо боз ба ғурбати ҳамсарам печидам. Ӯ гаштаву баргашта як гапро ба гӯши ман мехонд: «О, бароят чанд бор такрор ба такрор гӯям. Фолбини ғузорӣ гуфта буд, ки ба навзод ба ҷуз хуни гургу даҳони он дигар давое набошад. Агар ин корро ба таъхир андозем, мо хоҳу нохоҳ тифлро аз даст хоҳем дод». Болои мурда сад чӯб, гӯё ба нобудшавии навзодҳо банда гунаҳкор бошам. Кунун ёбеду гиред сарриштаи ин асрорро. Баъди ин кору ҳол дар чӣ қароре омаданашро кас намедонад. Рости гап, барои аз ғурбати занак раҳо ёфтан саҳарии солеҳон рамаро ба чаро мебараму намози шом ба кашар меорам. Намехоҳам бо ӯ рӯбарӯ шавам. Рӯбарӯ оям, ягон кору ҳол рӯй доданаш мумкин. Шумо ба ҷойи ман мешудед, чӣ мекардед? Дар ин бора фикр кардаму фикр кардам, ҳеҷ илоҷи онро дарёб накардам. Ниҳоят, ба хулоса омадам, ки ба ҷуз аз пайи кор шудан, дигар чорае надорам.

Баъди шунидани асли воқеа сахт таассуф хӯрд Солеҳбой. Бори гарон афтод ба дилаш, беҳуда ҳарфҳои номутаносиб гуфт дар ҳаққи дӯсташ. Ошуфтаву парешон меандешиду меандешид, ки чӣ посухе гӯяд ба дили дӯсташ писанд ояд, вале ҳарфе намеомад бар забонаш.

Ӯ Ҳамроҳбойро аз бачагиаш медонист. Ҳар сару савдое, ки аз сараш мегузашт, пеши ҳама кас сурфа намекард, дам ба дарун мезад, онро дар умқи дил ниҳон медошт. Вале намедонист, ки ин суҳбатҳои ҳардуст ва ба ин хотир дардҳояшро ба дӯсташ қисса карду рафт. Ин сирро ба ӯ гуфт, то дӯсташ донад, ки вай бедардбедард гап намезанад. Инро ба касе нагӯяд ба ҷуз ӯ. Дар ин айёми нотавониву залилӣ ба шикор рафтан ба пириву хартозӣ шабеҳ бошад. Вале дӯсташ аз ин кору ҳол бехабар, онро як суҳбати муқаррарӣ пиндошт, ҳатто ӯро маломаташ кард. Кунун Солеҳбой он суҳбати гузаштаро ба ёд оварда, ба дил худро коҳиш медод, ки чаро он рӯз ҳамроҳи дӯсташ ба шикор нарафт. Он рӯз агар дар шикор ҳамроҳаш мебуд, ин ҳодиса шояд рух намедод.

Солеҳбой сари рамаи хешро ба сӯйи авул пеш ронд ва ба дӯсташ нидо кард:

– Хайр, ба ҳар ҳол эҳтиёт шавед. Магарам, ягон ҳодиса рух надиҳад!

– Такя ба Худо дорем! Худо худаш мададгор гӯён ӯ низ сари рамаи хешро ба самти поён гардонд.

Ҳамроҳбой раҳорах рамаро пешандоз карда, дар дил қарор дод, ки ба сайди гургон бояд худаш тани танҳо равад. Чун ба манзил расид, тӯфанг ва тирҳои барои рӯзи мабодо пинҳон кардаашро ба бастае бубаст, обу нонро аз ёд набурд. Кунун чӣ гуна ба он ҷо расидан ва чӣ гуна гургро ба даст оварданро дар тафаккури хеш мечархонид. Бо ин андешаҳо ба хоб омодагӣ гирифт. Чун дар тӯли рӯз аз пайи рамапоӣ лакоту шалпар гашта буд, хоб ӯро зуд ба гирдоби пурталотуми хеш афканд.

Тибқи қарори пешакӣ барвақт аз ҷой бархост. Дастурӯ шуста, оҷилан нонушта кард. Фурсати рӯ ба роҳ ниҳодан ба ҳамсараш таъкид кард, ки агар шикораш бобарор анҷомад, ба ҷониби авул тир хоҳад андохт. Ҳамин сон даҳмардаи пир ба роҳ паймудан омода шуд. Ин пайраҳаи ошно ӯро ба самти санги сеҳрангез мебурд. То ҷое, ки худро мешиносад, аз қуллаи кӯҳи Сафед поёнтар пайкараи санги одамсимое побарҷост. Чун кас аз дур ба ҷониби ин суроб нигоҳ афканад, гӯё ба назар мӯйсафеде дастони хешро ба сари ду зонувонаш ниҳода, бо нигоҳи гунге ба сӯйи ӯ менигарад. Чунин менамуд, ки мӯйсафед дар банди хориву залилӣ афтода, ба дуриҳои дур дида медӯзаду айёми бебозгашти шубоби хешро ба ёд меоварад. Бешубҳа, ин пайкари сеҳрноки одамсимо ҳар як мусофирро сахт мутаҳайир месохт ва пеши худ суол мекард, ки вай дар банди чӣ андешаҳо месӯхта бошад? Ӯро чӣ ҳасбуҳоли талху шӯре ба сар афтода. Ин қиссаро даҳмардаи пир аз падару бобояш шунида. Шояд ба онҳо бобову бобокалонашон нақл кардаву пасон даҳон ба даҳон то айёми ӯ расида.

Як замонҳо мардуми ин обрав бузургсолорони хешро ба Гавургон бо ҳамин роҳ мебурдаанд. Морҳои ваҳшӣ луқмаи хешро дар як лаҳза фурӯ бурда, даму нафасашонро ором мебахшиданд.

Чун навбат ба хонадони яке аз аҳли авул даррасид, ҷавонмард ноилоҷ падари хешро ба пушт карда, ба ин манзил меорад. Баҳри осудан дар ин манзил даме қарор мегирад. Саршори арақ пешонӣ пок карда, бо нигоҳи ҳазину гиряолуд ба ҷониби падараш менигарад. Ин дам падараш ҳоли зори писарашро дида, бо як меҳри гарму нарм ба гуфтор меояд: «Ҷони падар, хаста шудӣ магар? Даме осоиш ёб, маро дар ин ҷо танҳо гузору боз пас ба хона баргард!» Ин лаҳза ба ҷониби онҳо чанд сар гурги бӯр давон-давон меоянд. Писараш аз тарсу ваҳшат рӯ ба гурез мениҳад. Гургон ба назди мӯйсафед омада, ӯро бӯйкунон-бӯйкунон, дар атрофаш ғел мезананд. Рӯзи дигар он ҷавонмард дубора бо тарсу бим ба ин манзил меояд. Ҳарчанд гирду атрофро дақиқкорона аз назар мегузаронад, аз падараш нишонеро намебинад. Фақат дар ҷойи нишасти ӯ пайкари санги одамсимо рӯнамо буд. Ҳайратангез ба пайкари сангин дида медӯзад. Пайкари сангин шабеҳи падараш буд. Дафъатан гургҳои ваҳшӣ ба сӯйи ӯ дартоз меоянд. Гӯё роҳи ӯро мепоида бошанд. Ҳамин сон ин ҷавонмард ба ин манзил меомаду мерафт, вале ҳар дафъа ин кору ҳол рух медоду ӯ ноумед ба манзили хеш бармегашт. Ва билохира ҷавонмард қадам ба ин хок намонд. Бо гузашти айём афсона шуд ин воқеа. Он замон гӯё пайкари мӯйсафед ба санге бадал гашта пешрӯйи одамон чун муъҷиза ҷилва мекард, чун ҳоли ҳозир.

**(Давом дорад).**

**Нуралӣ РАҶАБ.**

*Суҳбат бо мутахассисон*

# ТО НИҲОЛ ТАР АСТ, РОСТ БОЯД КАРД

***Мақсад ва мазмуни асосии ҳаёти оилавӣ тарбияи фарзанд ба шумор меравад. Тарбия бошад, ҷараёнест, ки фарзандро ба ҳаёти мустақил омода месозад. Беҳуда бузургони мо нагуфтаанд: «То ниҳол тар аст, рост бояд кард». Ниҳолеро, ки аз аввал рост парвариш мекунанд, ба дарахти тануманди сояафкан табдил меёбад. Аммо агар онро бепарво гузоранд, баъдтар рост кардани шохаҳои каҷ қариб номумкин мешавад. Ин ҳикмат ба тарбияи инсон низ комилан дахл дорад.***



Кӯдак саҳифаи сафедест, ки аввалин ҳарфҳои зиндагиро дар он падару модар менависанд. Ҳар як сухани нек, ҳар як рафтори шоиста ва ҳар як амали хайр дар қалби ӯ нақше мегузорад, ки солҳо боқӣ мемонад. Агар фарзанд дар муҳити меҳру эҳтиром ва масъулият ба воя расад, ӯ низ дар оянда инсони ватандӯст, бомаърифат ва хушахлоқ хоҳад шуд. Вале агар аз тарбия ғофил монем, натиҷаи он на танҳо барои як оила, балки барои ҷомеа низ гарон хоҳад буд. Имрӯз баъзе падару модарон на ба тарбияи ахлоқиву маънавӣ, балки ба бекаму кост хӯрондану пӯшондани фарзанд эътибор доданро дар навбати аввал мегузоранд.

Имрӯз ҷаҳон бо суръати бесобиқа тағйир меёбад. Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои нав барои фарзандон имкониятҳои бузург фароҳам овардаанд. Аммо дар баробари ин, хатарҳое низ вуҷуд доранд, ки аз иттилооти бардурӯғ, бегонапарастӣ, беҳудагузаронӣ ва коҳиши фарҳанги муошират иборатанд. Дар чунин шароит масъулияти падару модарон ва омӯзгорон боз ҳам бештар мегардад. Танҳо бо назорати оқилона, суҳбати самимӣ ва намунаи шахсӣ метавон фарзандонро аз таъсири манфӣ эмин нигоҳ дошт.

Мактаб баъд аз оила муҳимтарин макони тарбия аст. Омӯзгор танҳо омӯзонандаи фан нест, ӯ роҳнамои маънавӣ ва тарбиятгари шахсият аст. Як сухани пурмеҳр, як маслиҳати саривақтӣ ё як муносибати одилона метавонад роҳи зиндагии хонандаро ба самти некӣ тағйир диҳад.

Имрӯз баъзе падару модарон барои таъмини рӯзгор аз саҳар то шом меҳнат мекунанд ва бо сабаби он ки ба тарбияи кӯдакашон вақт надоранд, ӯро ба дасти кӯдакбон (доя) месупоранд ва фикр мекунанд, ки ҳамааш хуб мешавад. Саволе ба миён меояд. Оё нигоҳбонии кӯдаки хурдсолро ба кӯдакбон супоридан дуруст аст? Оё ӯ чун модар хурдсолро парвариш карда метавонад? Волидон ба кӯдакбон чӣ гуна талабҳо мегузоранд?

Ба қарибӣ ба бинои серошёнаи мо оилаи ҷавоне кӯчида омад. Ҷавонзан аз ҳамсояҳо пурсидааст, ки барои ӯ кӯдакбон лозим, духтарчаи 1,5 солаашро ба ӯ супорида, бояд кор кунад. Рӯзе бо ӯ, ки Сабоҳат ном доштааст, то истгоҳи автобус ҳамроҳ рафтем.

– Чаро кӯдаки хурдсолатро ба доя месупорӣ, оё ба ӯ боварӣ дорӣ? – пурсидам аз Сабоҳат.

– Маҷбур ҳастам. Барои хариди хона аз наздикон қарздор шудем. Ман бояд ба шавҳарам кумак расонам. Ба боғчаи бачагона муроҷиат кардам, гуфтанд, ки кӯдакат ҳоло хурд аст. Барои ҳамин ҳам ба ман доя лозим. Дусе рӯз ӯро санҷида мебинам, мувофиқи талаб бошад, ба ҳамон нигоҳ карда музди корашро медиҳам, – гуфт Сабоҳат.

Аз як тараф ҷавонзан ҳақ, ӯ маҷбур аст, ки барои эҳтиёҷи зиндагӣ кор кунад. Аммо ӯ дарк намекунад, ки то сахтакак шудани норасидааш бояд худаш нигоҳубин кунад.

Кӯдакбон чӣ гуна бояд бошад?

Бо ин суол ба рӯҳшиносон муроҷиат кардем.

– Мутахассисон ба тарбияи кӯдакбон супоридани тифли ширхораро тавсия намедиҳанд. Ба фикри онҳо кӯдак то 3-солагӣ бояд бо модар ва наздиконаш бошад. Агар зарурат пайдо шавад, аввало кӯдакбони дорои таҷрибаи ҳаёт, 35-40-сола ва маълумоти тиббидоштаро интихоб кунад, чунки ҷисми кӯдак дар вақти ривоҷёбист. Инчунин, кӯдакбон бояд таҷрибаи педагогӣ, психологӣ дошта бошад. Омода кардани хӯрокҳои гуногунро донад. Дар ин давр кӯдак хоҳишу талабҳояшро ифода карда наметавонад. Меҳрубонӣ, ширинсуханӣ ва муносибати дӯстонаро кӯдак аввало аз тарбиятгар меомӯзад, – гуфт зимни суҳбат рӯҳшиноси шифохонаи оилавии мавзеи Қизилшарқи шаҳри Тошканд Наргиза Алимова. – Тифл гавҳарест беолоиш, нозук ва аз ҳамаи нақшу суратҳо холӣ. Ӯро ба кадом сӯ раҳнамун созем, ба ҳамон сӯ майл мекунад. Аз хурдӣ ба кӯдак омӯхтани хислатҳои хуб, аз қабили накӯкорӣ, меҳрубонӣ, дӯстӣ ва оилапарварӣ вазифаи ҳар як падару модар, тарбиятгар ва наздикони ӯ мебошад.

– Оре, рӯзгоре момоёни мо пеш аз тифлашонро макондан ният кардаанд: »Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим, кӯдакам инсони хуб, донишманду бузург мешавад». Ниятҳои неки онҳо бо воситаи шир ба ҷисми кӯдак гузаштааст ва онҳо нотарс, ҷасур, боақлу доно ба воя расидаанд, – мегӯяд рӯҳшиноси боғчаи бачагонаи рақами 21-уми ноҳияи Чилонзор Шоира Собирова. – Ба дасти кӯдакбон супорида, аз пайи кори худ рафтани модарони ҷавон сабабгори ҳодисаҳои нохуш шудааст. Кӯдакбонҳое ҳастанд, ки тарбияи фарзанди касро ҳамчун даромади оила дониста, ба ӯ хунукназарона рафтор мекунанд. Тасаввур кунед, ҷавонзане дар аробача кӯдаки 1,5-2-соларо гирифта сайр мекард. Ногоҳ дугонаи деринаашро дид, онҳо то дер суҳбат карданд. Ҳаво каме сард, оби даҳону бинии кӯдак равон, тагаш тар шуд, шикамаш гурусна монд, аммо кӯдакбон парвое надорад...

Ё мисоли дигар, кӯдакбон духтараки 4-5-соларо, ки нигаҳбониашро ба зимма гирифта буд, барои овардани нон ба мағоза мефиристад. Духтарак аз роҳи калони мошингард мегузашт, ногоҳ ӯро мошине зад...

Ба рӯй надодани чунин ҳодисаҳо кӣ кафолат медиҳад? Дар ҳар сурат модари ҷавон ҳамеша бояд ҳушёр бошад. Тарзи хӯроккхӯрӣ, гигиена, шисту хез, ба даҳон андохтани ашёҳо, тару хушки латтаи кӯдак ба кӯдакбон вобаста аст.

– Кӯдакбони донову зирак рӯҳияти кӯдакро дарк карда метавонад. Ҳангоми машғулот ӯ аз китобҳои шавқовар, расмҳои ранга ва бозичаҳои гуногун истифода мебарад. Барои кӯдакони аз 3 то 6-сола кӯдакбони дорои маълумоти педагогӣ лозим аст, ӯ ҳангоми машғулотҳо бо кӯдак бояд кӯдаквор рафтор кунад. Ба бача чун модар меҳрубон, ғамхор бошад, вақти хобондани ӯ навозишкорона алла гӯяд.

Кӯдакбон дар ташаккули ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва эҳсоси амнияти кӯдак низ нақши муҳим дорад. Ӯ бояд муошироти хуб дошта бошад, бо кӯдак бо лаҳни нарм ва эҳтиромона суҳбат кунад, одоби намунавӣ дошта бошад, – мегӯяд мураббии калони боғчаи бачагонаи рақами 17-уми ноҳияи Нурато Сайёра Муродова.

Дар гузашта ҳам оё дояҳо буданд?

Бале, аз манбаъҳо маълум аст, ки дар гузашта низ дояҳо (кӯдакбонҳо) вуҷуд доштанд ва дар бисёр ҷомеаҳо нақши муҳим мебозиданд. Аммо вазифаи онҳо танҳо нигоҳубини кӯдак набуд, балки дар тарбия ва ба воя расонидани фарзандони хонаводаҳо низ саҳм мегирифтанд.

Дар ҷомеа, махсусан, дар оилаҳои сарватманд ё хонаводаҳои ашроф, барои нигоҳубини кӯдакон занони соҳибтаҷриба ва боэътимодро ба ҳайси доя интихоб мекарданд. Онҳо кӯдакро нигоҳубин мекарданд, ба ӯ ғизо медоданд, одоби муошират, эҳтироми калонсолон ва баъзе расму ойинҳои миллиро меомӯзонданд. Агар доя кӯдакро бо шири худ парвариш мекард, ӯро дояи ширдеҳ меномиданд ва байни фарзанди доя ва кӯдаки ширхӯрда муносибати бародарӣ ё ҳамширагӣ ба вуҷуд меомад, ки дар фарҳанги тоҷик ва суннати исломӣ аҳамияти махсус дошт.

Дар китоби қадимии «Авесто» оварда шудааст, ки аҷдоди мо ба ҷисмонан солим ва донову боақл тарбия ёфтани фарзандашон эътибори ҷиддӣ додаанд. «Авесто» тӯли асрҳо ба ҷавонон хулқу одоби хуб, амалҳои нек, ватанпарвариву инсондӯстиро омӯхтааст. Ба писарбачаҳо дар навбати аввал илму ҳунар, давлатдорӣ, сиёсат ва машқҳои ҳарбиро ба тарзи маҷбурӣ омӯзондаанд. Барои азхуд кардани амалҳои ба мардон хос – ҷасурӣ, далерӣ ва бузургӣ аз хурдӣ фарзандашонро ба тарбияи паҳлавони номдор ва дорои илму дониши баланди замонааш супурдаанд.

Дар достонҳои «Рустам ва Сӯҳроб», «Сиёвуш», «Бежан ва Гурозон»..., ки аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хонда будем, мебинем, ки маслиҳатгар ва ҳамрозу ҳаммаслаки маликаҳо на модаронашон, балки дояҳои онҳо будаанд. Маълум мешавад, ки дар тарбияи духтарбача дояҳо мавқеи алоҳида доштаанд.

Донишманде фармудааст: «Дузд, роҳзан, гиёҳманд ва хиёнаткорони имрӯза нафаронеанд, ки ба тарбияи дирӯзаашон эътибор надодаанд». Ё худ подшоҳи мамлакате дуздӣ ва ғоратгарии писари ягонаашро дида, на модари ӯро, балки дояашро ҷазо медиҳад.

Дар замони тараққикардаи имрӯза муассисаҳои томактабии хусусӣ, ки аз ҷониби соҳибкорон, шарикии давлатӣ барпо шудаанд, фаъолият мебаранд. Онҳо бо тамоми шароити замонавӣ муҷаҳҳазанд ва модарони ҷавон метавонанд кӯдаконашонро супурда, бо хотирҷамъӣ аз пайи кори худ шаванд.

Ҳикмати халқии «То ниҳол тар аст, рост бояд кард» на танҳо як мақоли одӣ, балки барномаи зиндагии ҳар як падару модар, омӯзгор аст. Биёед, тарбияи фарзандонро вазифаи муқаддаси худ донем. Зеро ниҳоли имрӯз – дарахти фардост ва меваи он тақдири миллатро муайян мекунад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Гиромидошт*

# ЭҲТИРОМ БА СОБИҚАДОРИ МАТБУОТ

***Дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи Пушкини вилоят ба муносибати 85 солагии фарзанди фарзонаи Самарқанд, Журналисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон, собиқ корманди «Овози тоҷик» Муайяна Хоҷаева анҷумани фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст.***



Ҳамкасбону шогирдон, ёру дӯстон, хешу пайвандони соҳибҷашн дар он ширкат варзиданд.

– Барои ман бахти бузург аст, аз номи тамоми журналистони кишвар муҳтарам Муайяна Нӯъмоновнаро бо зодрӯз самимона табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно намоям. Воқеан, чанд моҳ пеш бо соҳибҷашн суҳбати дилнишину гуворо доштам, – гуфт раиси Иттифоқи журналистони ҷумҳурӣ Шӯҳрат Орифов.

– Мо бо Муайяна Хоҷаева на танҳо хешу табор, инчунин ҳамгузар будем, –риштаи суханро ба даст гирифт набераи маърифатпарвар Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ Шоҳруххон Шавкатович, – бо донишу заковат, андешаҳои таконбахшу малакаи баланди суханварӣ, қалами бурро дар ҷомеа, хосатан матбуот маҳбубият пайдо карда, соҳиби эҳтиром ҳастанд. Бар замми тарбияи фарзандону наберагон дар рӯҳияи худшиносӣ, миллатдӯстӣ як силсила шогирдонро низ аз сиру асрори касби журналистика огоҳ сохтаанд.

– Яке аз онҳо ман мебошам, – риштаи суханро ба даст гирифт журналист Шоҳқаҳҳор Салимов, – дар омади гап бояд таъкид намоям, ки дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» анъанаҳои «Устоду шогирд» арзи вуҷуд дошт ва ин иқдоми нек идома дорад.

– Боиси хушнудӣ ва ифтихор аст, ки камина ҳамчун вакили рӯзномаи «Овози тоҷик» барои муборакбодӣ аз Тошканд ба Самарқанд омадам, – гуфт ҷонишини рӯзномаи мазкур Тоҷибой Икромов, – ман устоди арҷмандро беш аз 40 сол боз мешиносам ва эҳтиром мекунам.

– Мо бо соҳибҷашн на танҳо ҳамшаҳр, балки замоне ҳамдабистон будем, – иброз дошт доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд Юсуф Абдулло, – дар як мактаб таҳсил гирифта, баъд дар Донишкадаи давлатии шарқшиносии Академияи улуми Ӯзбекистон корманди илмӣ будем. Сипас тақдир маро ба Маскав, ӯро ба ҷазираи Озодӣ – Куба бурд. Баъди бозгашт ба Тошканд Муайяна Нӯъмоновна дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик», камина Вазорати таълими халқ адои вазифа карда, имрӯз ҳар ду дар Самарқанд мебошем.

Инчунин муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, раиси Маркази тоҷикон ва тоҷикзабонони вилоят Шӯҳрат Самадов, директори китобхонаи ба номи Пушкин Наргис Саидмуродова, кормандони телевизиони Самарқанд ва ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов низ ба минбар баромада, соҳибҷашнро муборакбодӣ намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**
**Аксбардор: Шаҳзод КЕНҶА.**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Китобҳо киштиҳои тафаккуре ҳастанд, ки ба муқобили мавҷҳои пурталотуми вақт шино карда, бори гарону пурарзиши худро эҳтиёткорона аз насл ба насл интиқол медиҳанд.

**Френсис БЕКОН.**

Миллатҳоро аз таърихашон дур нигоҳ доред, дар он сурат бароҳатӣ контрол мешаванд.

Карл Маркс.

Илм он нест, ки ба дасти ёд супурдаед, балки ҳамонест, ки манфиат мебахшад.

**Имом ШАФЕЙ (р. а.)**

Агар наметавонӣ дӯсте пайдо кунӣ, худ дӯсти худ бош.

**ПИФАГОР.**

Ҳеч вақт зери бори ситам нарав ва ба зиндагӣ дил мабанд, онҷунон бош, ки фардо рӯзи марги туст, аммо чунон биомӯз, ки гӯӣ то абад зиндаӣ.

***

Аз ҳар чизе наву тозаашро интихоб кунед, вале аз дӯст куҳнаашро.

**Маҳатма ГАНДӢ.**

Агар пул дошта бошӣ, инсонҳо туро хоҳанд шинохт, аммо агар надошта бошӣ, ту инсонҳоро мешиносӣ.

**АФЛОТУН.**

Одамони берӯҳ ба дунболи ҷисманд, танҳо соҳибдилон ба дунболи рӯҳ раванд.

**Ҷозеф ГРИНБЕРГ.**

Ман танҳо ҳаминро медонам, ки ҳеч чизро намедонам.

**СУҚРОТ.**

Мисли ин, ки меҳнат ҷисмро обутоб медиҳад, мушкилот ақлро таҳким мебахшад.

**СЕНЕКА.**

Доштани мағз далели инсон будан нест, пиставу бодом низ мағз доранд. Барои инсон будан бояд шуур дошт.

**Лев ТОЛСТОЙ.**

Инсони хуштолеъ ҳамонест, ки аз сангҳои ба сӯяш партобшуда пойдевори бахти худро месозад.

**Ҷонеон БРИНКЛИ.**

Варзиш ҷойи бисёр доруву дармонро мегирад, вале ягон дору ҷойи варзишро гирифта наметавонад.

**Алфредо де-МЮССЕ.**

Мо ду гӯш ва як забон дорем, ки бештар гӯш кунем ва камтар ҳарф бизанем.

**Дивҷон КАЛБӢ.**

Тарҷума ва таҳияи **А.СУБҲОН.**

# «БЕШБАРМОҚ»-И МАШҲУРИ НАВОӢ

***Бешбармоқ яке аз маъмултарин таомҳои анъанавӣ дар вилояти Навоӣ аст. Анъанаҳои беназири пухтупаз ва пешкаш кардани он аз насл ба насл мегузаранд.***

Хусусан, сокинони деҳаи Чуқуркудуқи ноҳияи Нурато онро яке аз муҳимтарин хӯрокҳо ҳангоми зиёфати меҳмонон медонанд. Куштани ҳайвон ба шарафи меҳмон ва пешкаш кардани бешбармоқ анъанаест, ки дар ин минтақа аз замонҳои қадим идома дорад.

Таъми хуши бешбармоқ бо равандӣ тайёр кардани он алоқаманд аст. Ба ин таом гӯшти гӯсфанди дар офтоб хушкшуда ва махсусан намакин – сургӯшт илова карда мешавад. Ҳамчунин аз гӯшти шутур, гӯшти гов ва асп низ истифода мебаранд. Ҳангоми пешкаш кардани ин таоми миллӣ, ки аз гӯшт ва хамир иборат мешавад, сари гӯсфанди пухта рамзи эҳтиром ба ҳисоб меравад.

Бешбармоқи Навоӣ на танҳо барои усули пухтупазаш, балки ҳамчун ифодаи беназири арзишҳои миллӣ, меҳмоннавозӣ ва фарҳанги дастархонӣ низ муҳим аст.

***Дар акс:*** *сокинони деҳаи Чуқурқудуқи ноҳияи Нурато ҳангоми истиқболи меҳмонон.*

**Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ӮзА).**



# ӮРО НАРШАХИНАФАС НИЗ МЕНОМИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Соли 1956 Н. Йўлдошевро ба ҳайси мудири шуъбаи таърихи осорхонаи кишваршиносии Бухоро интихоб менамоянд.

Ӯ ин вазифаро то соли 1960 иҷро намуда, дар давоми фаъолияташ аз шаҳру деҳоти вилоят ба миқдори зиёд ашёи фарҳангии моддиро ҷамъ оварда, дар ғанӣ гардидани экспонатҳои осорхона саҳми назаррас мегузорад.

Нарзулло Йўлдошев соли 1960 дар Донишкадаи таърихи АИ Ӯзбекистон ҳамчун пажӯҳишгар фаъолияти илмии худро оғоз менамояд. Ӯ дар корҳои таҳқиқотии бостоншиносие, ки дар воҳаи Бухоро бо ҳамкории Донишкадаи таърих ва бостоншиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон ва Осорхонаи Бухоро ташкил карда буд, фаъолона иштирок кардааст. Ӯ фаъолияти 114 нафар авлиё ва зиёратгоҳҳои қадимаи Бухороро омӯхта, макон, таърих ва эътиқодҳои мардумии марбут ба онҳоро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст.

Дар натиҷаи чунин корҳои таҳқиқотӣ беш аз 300 мақолаи илмӣ ба монанди «Парастиши зиёратгоҳ ва авлиёҳо дар ислом», «Таърихи мавзеъҳои муқаддас», «Машоих ва авлиёҳои асрҳои IX-XIV Бухоро», «Баҳоуддин Нақшбанд», «Ҳоҷатбарор имом Ҳафси Кабири Бухорӣ», «Бобҳои мухтасари асари таърихи қадим..», «Тавсифи шаҳри Бухоро, ном ва таърихи дарвозаҳо», «Мавлоно Шамсиддин Маҳбубии Бухорӣ», «Таърихи шаҳри Бухоро ва атрофи он», «Ҳаёт ва фаъолияти Баҳоуддин Нақшбанд» нашр шудаанд.

Олим як қатор китобҳоеро, ки ба забонҳои арабию форсӣ-тоҷикӣ оиди таърихи Бухоро офарида шудаанд, ба забони давлатӣ тарҷума низ кардааст, аз ҷумла, соли 1996 асари «Раҳбари наҷот»-и Абдурауфи Фитрат ва соли 2003 асари «Кашкӯли Салимӣ»-и Мирзо Салимбекро аз забони форсӣ-тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст, ки ин асарҳо дар нашриёти «Бухоро» бо адади зиёд нашр шудаанд. Н. Йўлдошев барои заҳмати чандинсола ва хизматҳои фидокоронааш ду маротиба бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи халқ», «Меҳнат фахрийси» ва медали «Шуҳрат» сарфароз гардонида шудааст.

Нарзулло Йўлдошев соли 2005 вафот кард. Шахсиятҳои таърихӣ ва авлиёи барҷастае, ки олим ба онҳо умри дубора бахшидааст, бешубҳа эҳсоси ватандӯстӣ ва миллатпарастиро дар наслҳои оянда бедор хоҳанд кард.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*вилояти БУХОРО.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.